# ШИНОСОИ БО САВДОИ БОАДОЛАТ



**«Мусоидат ба рушди соҳаи косибӣ дар Тоҷикистон дар асоси робитаҳои одилонаи тиҷоратӣ дар ҳамбастагӣ бо Ташкилоти Миёнаравӣ Соҳибкорӣ»**

*Лоиҳа дар чорчубаи Барномаи Сармоягузории Осиёи Миёна аз тарафи Иттиҳоди Аврупо сармоягузорӣ карда шудааст*

*Мундариҷаи ин нашриёт пурра ба зиммаи CESVI ва АМСХМ меафтад ва ба ҳеч ваҷҳ бофаъолияти Иттиҳоди Аврупо алоқаманд нест*

cesvi

NASMB TAJIKISTAN

Ин нашрия аз тарафи CESVI ва Ассотсиатсияи Миллии Соҳибкории Хурд ва Миёна (АМСХМ) дар чорчубаи лоиҳаи сармоягузоштаи Иттиҳоди Аврупо «**Мусоидат ба рушди соҳаи косибӣ дар Тоҷикистон дар асосӣ робитаҳои Одилонаи Тиҷоратӣ дар ҳамбастагӣ бо Ташкилотҳои Миёнаравӣ**» омода карда шудааст.

**Cesvi** - ки маъноаш ҳамкорӣ ва рушд мебошад, **ташкилоти мустақили башардустонаи итолиёвӣ** мебошад. Он дар тамоми дунё барои пешгирӣ ва дастгирии ҳолатҳои фавқуллодда ба воситаи ба роҳ мондани лоиҳаҳо алайҳи гушнагӣ, ғайриконунӣ истифода бурдани манбаъҳои маҳаллӣ ва ҷалби шаҳрвандони давлатманд фаъолият мекунад.
Дар **Тоҷикистон** Cesvi аз соли 2001 инҷониб фаъолият дорад. Соҳаҳои амалиёти он **хоҷагии қишлоқ**, **ирригатсия, инчунин беҳтар гардондани вазъи молиявӣ ва шароити зисту зиндаги**и алалхусус оилаҳои камбизоат мебошад.
www.cesvi.eu

Ассотсиатсияи Миллии Соҳибкории Хурд ва Миёна (АМСХМ) - ташкилоти ғайридавлатӣ ва ғайрмолиявӣ мебошад, ки намояндагони соҳибкории хурду миёнаро ба монанди **ташкилотҳои хурд ва миёнаи** кӯмакрасон ва дигар намуди корхонаҳои соҳибкорӣ барои эътирофи ҳаққу ҳуқуқҳои онҳо бо ҳар гуна хизматҳои арзишманд таъмин мекунад, бо ҳам мепайвандад.
АМСХМ соли 1993 ба фаъолият шурӯъ карда, дар ин муддат зиёда аз **100 корхонаро** дар бар гирифта буд.
www.nasmb.tj

Иттиҳоди Аврупо мутобиқи Созишномаи Иттиҳоди Аврупо бунёд гардид ва айни замон 27 давлат шомили ин Иттиҳод мебошанд. Он дар заминаи Иттиҳоди Иқтисодӣ ва Ҳамкории Аврупо дар соҳаҳои сиёсати умумихориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ ва Адолати Умури Дохила фаъолият мекунад. Панҷ муассисаҳои асосии Иттиҳоди Аврупо - Парлумони Аврупо, Шурои Вазирон, Комиссияи Аврупо, Додгоҳ ва Додгоҳи Аудиторон мебошад.

Иттиҳоди Аврупо ин аъзои абарқудрат дар ҳамкорӣ ва манбаъҳои рушди байналмиллалӣ мебошад. Он бузургтарин донор дар расондани кӯмаки башардустона ба ҳисоб меравад. Алҳол, Иттиҳоди Аврупо ӯҳдадории иқтисодӣ ва сиёсӣ тақрибан 11 % кӯмаки ҷаҳони (ODA), дар муқоисаи 5%-и соли 1985 дорад. Мақсади асосии стратегияи шахсии тараққиёти ИА, ки моҳи ноябри соли 2000 қабул шуд, ин **нест кардани камбизоатӣ** мебошад.
http://europa.eu/

Иттиҳди Аврупо барномаи “**Central Asia Invest**”, яъне Сармояи Осиёи Миёнаро ба ӯҳда гирифтааст, ки ин лоиҳа ба он таъаллуқ дорад.

**Central Asia Invest** ба рушди сектори хусусӣ, алалхусус корхонаҳои хурду миёнаи Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷиксистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон мусоидат мекунад. Барнома дар ду сатҳ фаъолият дорад: сатҳи Ташкилотҳои Миёнарави Соҳибкорӣ барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва дар сатҳи стратегияи беҳтар намудани кули муҳити соҳибкорӣ.
http://ec.europa.eu/europeaid/where/asia/regional-cooperation-central-asia/sme-development/ca_invest_en.htm

# НОМГӮИ МАВЗӮҲО


| | |
|---|---|
| *ШИНОСОӢ* | *4* |
| *ТАЪРИХИ САВДОИ БОАДОЛАТ* | *6* |
| *10 ПРИНСИПҲОИ САВДОИ БОАДОЛАТ* | *8* |
| *ФОИДАИ САВДОИ БОАДОЛАТ* | *14* |
| *САВДОИ ОЗОД ДАР МУҚОБИЛИ САВДОИ БОАДОЛАТ* | *16* |
| *БАРОҲМОНИИ САВДОИ БОАДОЛАТ: ДУ УСУЛИ ГУНОГУН* | *18* |
| *ҲИКОЯИ САВДОИ БОАДОЛАТ* | *20* |
| *САВДОИ БОАДОЛАТ ДАР ТОҶИКИСТОН* | *22* |
| *МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ* | *24* |




## *Савдои боадолат чист?*

Савдои боадолат ин савдои мутақобила, ки дар асоси гуфтушунид, шаффофият ва эҳтироми якдигар, ки аксияҳои бисёртарро дар савдои ҷаҳонӣ дарёфт мекунад, сурат мегирад. Он ба рушди бонизом бо воситаи пешниҳоди шароити бехтари савдо ва таъмини ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагон ва коргарони камбизоат, махсусан дар ҷамоҳири рӯ ба тараққӣ мусоидат мекунад.

Ташкилотҳои савдои боадолат дар он ақидаанд, ки савдои боадолат мақсади асосии фаъолияти онҳо мебошад. Ин ташкилотҳо, ки аз тарафи муштариён эътироф шудаанд, фаъолона истеҳсолкунандагонро дар корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташфиқоти дигаргуниҳо дар қонуниятҳо ва таҷрибаи савдои рӯзмарра дастгирӣ мекунанд.

Маҳсулоти савдои боадолат мувофиқи ин принсипҳо – дар ҳама ҷо ба ҳадди имкон бо системаҳои мустақили кафолат истеҳсол ва фурухта шудаанд.

Мафҳуми савдои боадолат зиёда аз савдо аст: чи тавре ки маълум шуд, **адолати бештаре дар олами савдо вуҷуд дорад**. Ин ақида дар мақоми аввал талабот оид ба тағйирот дар қонунҳо ва таҷрибаи савдои рӯзмарра мегузорад ва нишон медиҳад, ки чи гуна кори бомуваффақият халқро дар макоми аввал мегузорад.



## *Чаро савдои боадолат?*

Дар замони истеъмоли оммаи маҳсулот савдои боадолат проблемаи калонеро пеши истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон вомегузорад, ки оид ба он ҷиддӣ бояд фикр кард. Коргарон маблағи кофӣ намегиранд, дар натиҷа аз ҳунари худ оҳиста-оҳиста даст мекашанду анъана ва расмияти миллӣ аз даст дода мешавад, инчунин занҳои ҷудошуда, кӯдакони зиёд корфармуда ва истисморшуда, оилаҳо ва ҷамоатҳои дар ҷустуҷӯи воситаи рӯзгузаронӣ.

Савдои боадолат ин ҷавоби мутлақ ба хатоҳои савдои рӯмарра барои фароҳам овардани шароити зиндагонӣ ва имкониятҳои рушди сатҳи зиндагии мардуми мамолики камбизоати дунё; шаҳодати ин гуфтаҳо 2 миллиард одамоне, ки новобаста ба кори пурмашаққат бо маблағи камтар аз 2$ дар як рӯз қаноат мекунанд.

Бенавоӣ ва машаққат имкониятҳои одамонро маҳдуд мекунанд дар ҳоле ки қувваҳои бозорӣ метавонанд онҳоро бештар беиқтидор ва ихтисор кунанд.

Ин омил метавонад онҳоро зидди истисмор нотавон кунад, новобаста аз он ки онхо фермер, ҳунармандон, оилаҳои хочагидор ё коргарони кироягшудаи корхонаҳои нисбатан калон бошанд.

Ташкилотҳои Савдои Боадолат ба ҳама бо дархости асоси рӯ меоваранд - оё мо ба соҳибкорон ва савдогарон иҷозат медиҳем, ки бахри нест кардани ин нобаробарии иҷтимоӣ ва беадолатии экологӣ мусоидат намоянд.



# ТАЪРИХИ САВДОИ БОАДОЛАТ

## *Хамаи ин дар куҷо сар шуд?*

Дар бораи таърихи савдои боадолат ҳикоятҳо бисёранд. Ин ҳама дар Иёлоти Муттаҳида, дар даҳ ҳазор деҳа (пешина Косибони Худӣ), ки хариди сузаниҳоро аз Пуэрто-Рико соли 1946, сар карданд, сар шуд. СЕРРВ ном савдогари миёнарави амрикоӣ ба харидуфурӯши ашёҳо бо мамолики камбизоати Ҷануб дар охири солҳои 40-ум машғул шуд. Мағозаи расмии аввалини «савдои боадолат», ки ин ва дигар маснуотро фурӯхт, соли 1958 дар ИМА кушода шуд. Нишонаҳои аввалини савдои боадолат дар Аврупо дар охири солҳои 1950-ум вақте ки Кумитаи мададрасон ба гуруснагон дар ш. Оксфорди Британия (Оксфам) фурӯши маснуоти косибони гурезаҳои чиниро дар мағозаҳои Оксфам ба роҳ монд. Соли 1964 он аввалин Ташкилоти савдои боадолатро барпо намуд. Ташаббусҳои мутаносибан дар Нидерландия ба роҳ монда шуд. Ва соли 1967 ташкилоти содиротии Савдои Боадолати Ориджинал барқарор гардид. Ҳамзамон гурӯҳи сеюми ҷаҳонии голландӣ фурӯши найшакар бо паёми «найшакарро харидорӣ намуда, Шумо ба халқи давлатҳои камбизоат макони зери офтоби иқболро медиҳед» оғоз намуд. Ин гурӯҳҳо фурӯши намунаҳои санъати косибии Ҷанубро давом дода, соли 1969 нахустин «Мағозаи ҷаҳони сеюм»-ро боз намуданд. Мағозаҳои ҷаҳонӣ ё мағозаҳои савдои боадолат, чи тавре ки онхоро дар қисмати дигари дунё ном мебурданд, роли муҳимро дар оғози савдои боадолат бозиданд (то ба хол мебозанд). Онҳо на танҳо нуқтаҳои фурӯш, балки ташвиқотгарӣ фаъоли паҳншавӣ ва фаҳмондадиҳӣ маҳсуб меёбанд.

Дар зарфи солҳои 1960-70-ум чунин ташкилотҳои савдои боадолати ҷанубӣ бисёр таъсис ёфт ва равобити онҳо бо ташкилотҳои нав дар шимол барқарор гардид.Ин равобит дар асоси ҳамкорӣ, гуфтушунид, шаффофият ва ҳурмат нисбати якдигар сурат мегирифтанд. Мақсади онҳо аксия дар савдои ҷаҳонӣ буд. Дар мутаносиби ин ҳаракати шаҳрвандони мамолики рӯ ба инкишоф ба форумҳои умумибашарӣ ба монанди УНКТАД (Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба Савдо ва рушд) дар ш.Деҳлӣ соли 1968 бо паёми «Савдо роҳи наҷот нест» рӯ оварданд. Ин равия ба ҷои дидани он ки чи тавр Шимол тамоми фоидаро аз худ мекунад ва танҳо қисми ками онро дар шакли кӯмак баҳри рушд бармегардонад, такя бар барқарор додани робитаҳои баробарҳуқуқи савдо бо Ҷанубро кард. Болоравии сатҳи Савдои Боадолат аз охири солҳои 60-ум пеш аз ҳама бо рушди савдо вобаста буд. Бунёдгузорони он борҳо фоидаи калон ба даст оварданд ва баъзан муассисаҳои динии мамолики Аврупо буданд. Ин ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки бо шарикони мамлакатҳои Ҷануб ҳамкорӣ мекарданд, барои созмони Ташкилотҳои Савдои Боадолати Ҷануби, барои ташкили истеҳсолот ва истеҳсолкунандагон мусоидат карданд, ба истеҳсолкунандагон таъминоти иҷтимоӣ пешниҳод карданд ва ба Шимол содирот карданд. Ташкилотҳо омода буданд, ки маҳсулотро аз мамолики рӯ ба инкишоф, ки аз нигоҳи сиёсиву иқтисоди суст буданд, ворид созанд.

## *Хӯрока ва косибии ғайриоддӣ*

Ташкилотҳои Савдои Боадолат нахуст асосан бо косибон бо миёнаравии миссионерҳо савдо мекарданд. Одатан, ҳунари косибӣ ба оилаҳо маблағи иловагӣ ворид месозанд; онҳо муҳимияти аввалиндараҷа барои хоҷагиҳо, ки аз тарафи занҳо, ки имконияти маҳдудшудаи кор карданро доранд, роҳбарӣ карда мешаванд, доранд. Қисми зиёди Ташкилотҳои Савдои Боадолат кӯшиш мекарданд, ки ин маснуотро харидорӣ намоянд ва дар бозори ҷаҳонӣ ба фурӯш гузоранд. Бозор барои маҳсулоти косибӣ калон кушода буд, ба бархе аз Ташкилотҳои Савдои Боадолат савдои бобарор карданд. Ин ташкилотҳо тайёр буданд, ки маҳсулоти мамолики пешрафтаро ба Ҷануб, ки ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва иктисодӣ суст буд, ворид созанд.

Соли 1973 Савдои Боадолат Ориджинал дар Нидерландия бори нахуст бо «савдои боадолат» каҳваи кооперативӣ фермерҳои хурди Гватемаларо ба роҳ монд. Акнун бошад, зиёда аз 30 сол инҷониб қаҳваи боадолат як мафҳумро ифода мекунад. Дар баробари ин садҳо ҳазор фермерони қаҳва фоидаи калонеро аз Савдои Боадолати қаҳва гирифтанд. Дар Аврупо ҳоло қисми зиёди истеъмолкунандагон қаҳваи боадолат менушанд. Ҳоло қариб 25 - 50 % гардиши моли Ташкилоти Савдои Боадолати Шимоли аз ин маҳсулот мебошад. Баъди қаҳва номгуи маҳсулоти хурока васеъ шуд ва он маҳсулоти хӯрока ба мисли чой, какао, шакар, шароб, шарбати меваҳо, чормағз, хуришҳо, биринҷ, ва ғ. Дар бар мегирад. Маҳсулоти хӯрока имкониятҳои созмон додани бозорҳои нав ба монанди бозорҳои муқарраршуда, супермаркетҳо ва биомаркетҳо фароҳам меоварад. Илова ба ин хӯрока, дигар намудҳои ғайриистеъмол ба мисли гулҳо, пахта ба номгӯи маҳсулотҳои Савдои Боадолат илова карда шуданд. Дар давоми даҳсолаи аввал маҳсулоти Савдои Боадолат асосан аз тарафи Ташкилотҳои Савдои Боадолат, ки савадои боадолатро пешаи худ интихоб карда буданд, ба фурӯш рафт. Солҳои 70-80-ум маҳсулоти Савдои Боадолат асосан дар мағозаҳои ҷаҳонӣ ва ё мағозаҳои Савдои Боадолат фурӯхта шуданд.





# 10 ПРИНСИПИ САВДОИ БОАДОЛАТ

Ташкилоти Ҷаҳонии Савдои Боадолат (ТҶСБ)10 принсипе, ки Ташкилотҳои Савдои Боадолат ба кор андохт ва Ташкилотҳо бояд дар фаъолияти рӯзмарраи худ истифода баранд ва санҷиш оид ба риояи ин принсипҳо гузаронад.

## *1. Фароҳам овардани шароит барои истеҳсолкунандагони аз вазъи иқтисоди суст*

**Нест кардани камбизоатӣ** ба воситаи шаклҳои савдо кисми асосии мақсадҳои ташқилот мебошад.Ташкилот **соҳибкорони хурди ноустуворро** дастгирӣ мекунад, новобаста аз соҳибкории мустақили оилавӣ, ва ё гурӯҳӣ дар ассотсиатсияву кооперативҳо буданашон. Ин ба онҳо имконияти аз хатари нагирифтани фоида, камбизоативу ноустуворӣ ба сӯи худфаъолияти иқтисодӣ ва соҳиби моликият шуданро таъмин менамояд. Ташкилот нақшаи амалиёти ин барномаро дорад.

## *2. Шаффофият ва Ҷавобгарӣ*

Ташкилот дар роҳбарӣ ва робитаҳои тиҷоратии худ **шаффоф** аст. Он дар назди ҳама шахсони вобастаи худ ӯҳдадор аст ва бояд эҳтироми ҳиссиёт ва маҳфуздории маълумоти пешниҳодшудаи тиҷоратӣ ба ҷо биёрад. Ташкилот роҳҳои мутобиқи муттаҳидсози ҷалби коргарон, иштирокчиён ва истеҳсолкунандагонро дар рафти қабули қарорҳо меёбад. Вай қафолат медиҳад, ки маълумоти марбута ба тамоми шарикони савдо расонда мешавад. Роҳҳои алоқа хуб ва дар ҳама сатҳҳои воридот кушода мебошанд.

## *3. Таҷрибаи Савдои Боадолат*

Ташкилот бо таваҷҷӯҳ барои беҳдошти вазъи иҷтимоӣ, иқтисоди ва экологии истеҳсолкунандагони ҳурди камбизоат мурокибат мекунад ва аз онҳо фоидаи муфт ба даст намеорад.  Он ӯҳдадор аст, ки ба таври касби иҷрои вазифаҳоро сари вақт таъмин намояд.  Корфармоён шартномаро риоя мекунанд ва маҳсулотро сари вақт бо сифат  ва талаботи дилхоҳи техникӣ омода месозанд.

Харидорони Савдои Боадолат хуб дарк мекунанд, ки истеҳсолкунандагон ва корфармоён бо чи мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва кафолати додани пули маснуоти дархостшударо баъди гирифтани санадҳо ва дар асоси принсипҳои роҳбарикунандаи пешниҳодшуда медиҳанд. **Маблағи пешакии 50% агар лозим бошад, мумкин аст**.

Агар корфармои Шимолии Савдои Боадолат аз тарафи харидор маблағи пешакӣ гирад, онҳо кафолат медиҳанд, ки ин маблағ ба истеҳсолкунандагон ё фермере, ки маснуоти

савдои боадолатро месозанд ё омода мекунанд, рафта мерасад.

Харидорон пешакӣ бо  корфармоён пеш аз рад кардани дархост сӯҳбат мегузаронанд. Он вақте, ки фармоишҳо бо гуноҳи истеҳсолкунанда ё корфармо рад нашудаанд, ҷубронпулии мувофиқ барои кори аллакай иҷрошуда супурда мешавад. Корфармоён ва истеҳсолкунангдагон бо харидор маслиҳат мекунанд ва агар мушкилии расонидани бор сар занад, боварӣ ҳосил кардан даркор ки ҷубронпулӣ дар ҳолати таъмини сифат миқдор мутобиқи ҳуҷҷатҳо нест.

Ташкилот **равобити мутақобилан бардавомро, дар асоси якдилӣ, боварӣ, ва ҳурмати ҳамдигарро** ба роҳ мондааст,ки савдои боадолатро таблиғ ва ташвиқ кунад. Он алоқаи зич бо ҳамкорони худро дорад. Тарафҳои ба савдо ҷалбшуда мекушанд, ки сатҳи истеҳсоли ҳудро зиёд намоянд, арзиш ва гуногунии пешниҳоди маҳсулот чун воситаи рушди Савдои Боадолат барои истеҳсолкунандагон зиёд намудани фоидаи онҳо ба ҳисоб равад.

Савдои Боадолат хусусияти **миллӣ-фарҳангӣ ва малакаҳои анъанавии** истеҳсолкунандагони хурдро дарк, дастгирӣ ва эътироф мекунад, ки онҳо дар фаъолияти лоиҳахои косибӣ, маводи хӯрока ва дигар хизматрасониҳои марбут таҷассум ёфтааст.



## *4. Пардохти нархи боадолат*

Маблағи савдои боадолат онест, ки дар зарфи мусоҳибот ва иҷрои кор бо **розигии тарафайн** қабул шудааст, ки маблағи одилонаи истеҳсолкунанда ва қобили қабули бозори бошад.

Он ҷое, ки мақомоти нархгузор вуҷуд дорад, ин омилҳои минималӣ ҳисоб меёбанд. Маблағи боадолат ё одилона маънои сазовор ва қобили қабул мукофотонидани (дар муҳити таҳҷоӣ) ҳунармандонро дорад, ки худи онҳо одилона қабул кардаанд ва он принсипи асосии кор ва маблаги баробари зану мард маҳсуб аст. Ташкилотҳои фурӯшанда ва воридкунандаи савдои боадолат ба пурқувватшавии иқтидори истеҳсолкунандагон ба дараҷаи лозима мусоидат карда онҳоро баҳри қабули нархи одилона сафарбар менамоянд.



## *5. Кафолати истифода набурдани меҳнати кӯдакон ва меҳнати маҷбурӣ*

Ташкилот ба **Конвенсияи СММ оиди ҳимояи ҳуқуқи Кӯдакон** ва қонуни миллии ба кор андохтани кӯдаконро риоя мекунад. Он кафолат медиҳад, ки дар амалиётҳои худ меҳнати маҷбуриро ба аъзоён ё коркунони маҳали истифода намекунад.

Он муассисаҳое, ки бо савдои боадолат аз гурӯҳҳои истеҳсолкунанда бо ё бе дахолати миёнаравҳо маҳсулот харидорӣ менамоянд инчунин боварӣ доранд, ки дар истеҳсоли маҳсулот **меҳнати маҷбурӣ** истифода нашудааст ва истеҳсолкунанда Конвенсияи СММ оиди ҳимояи ҳуқуқи Кӯдакон ва қонуни миллии ба кор андохтани кӯдаконро риоя мекунад. Ҷалби кӯдакон ба истеҳсоли маводи Савдои Боадолат (бо дарназардошти омӯзиши санъати миллӣ ё косибӣ) доимо зери назорат қарор мегирад ва таъсири манфӣ ба ҳаёт, бехатарӣ, маърифат ва талабот ба бозии кӯдак намерасонад.

## *6. Дасткашӣ аз ҷудопарастӣ, нобаробарии ҷинсӣ ва дастгирии озодии ассотсиатсия*

Ташкилот вақти ба коргири, маблағгузорӣ кардан, имконияти омӯзиш мукофотонидан, анҷом додан ва ба нафақа фиристондани кормандон онҳоро аз рӯи нажод, миллат, дин, маъюб, ҷинс, мансубияти ҷинсӣ, аъзои

иттифоқи касаба, мансубияти сиёсӣ, ҳолати ВИЧ\СПИД ва синну сол ҷудо намекунад.

Ташкилот ба мардону занон имкънияти равнақ додани малакаҳои худ медиҳад ва дар таъмини занон бо ҷои кор ва макоми роҳбарияти онҳо дар муассисаҳо фаъолона амал мекунад. Он ҳамчунин диққати махсус ба вазъи саломатӣ ва бехатарии занони ҳомила ва синамакон медиҳад. Занҳо дар қабули қарор оиди фоида, ки дар рафти амалиётҳо ҷамъ мешавад, иштирок мекунанд.

## *7. Таъмини шароити хуби корӣ*

Ташкилот **шароити хуби бехатарӣ ва экологии истеҳсолӣ** баҳри кормандон ва\ё иштирокчиён фароҳам меоварад.  Он ҳадди ақал ба қонунҳои миллӣ ва Ташкилоти Умумиҷаҳонии Меҳнат(ТУМ), шартномаи вазъи саломати ва бехатари тобеъ аст.

Соатҳои корӣ ва шароити корӣ барои кормандон ва\ё иштирокчиён (ва коркунони маҳаллӣ) бо шароитҳои аз тарафи қонунҳои миллӣ ва кодекси ТУМ дарҷ гардида, мутобиқат мекунанд.

Ташкилотҳои Савдои Боадолат дар бораи шароити саломатӣ ва бехатарӣ дар гурӯҳҳои истеҳсолкунанда, ки дар он савдо мекунанд, воқиф ҳастанд.  Онҳо беист мекушанд, ки аз проблемаҳои саломатӣ ва бехатарӣ хабардор бошанд ва методҳои онҳоро дар гурӯҳҳо беҳтар ва ҷорӣ намоянд.





## *8. Таъмини қудратмандшавӣ*

Ташкилот дар талоши зиёд кардани таъсири мусбӣ ба истеҳсолкунандагони хурду камбизоат ба воситаи Савдои Боадолат мебошад. Он **имконият ва малакаи** кормандон ва аъзоёни худро **равнак медиҳад**.

Ташкилотҳои бевосита бо соҳибкорони хурд фаъолиятдошта, амалҳои муайян бахри беҳтар гардондани малакаи роҳбарӣ, иқтидори истеҳсол ва роҳхат ба бозорҳои маҳаллӣ\минтақавӣ\байналмиллалӣ\Савдои Боадолати ба ин истеҳсолкунандагон фароҳам меоваранд. Ташкилотҳое, ки маҳсулоти Савдои Боадолатро ба воситаи миёнаравон дар ҷануб харидорӣ менамоянд, барои кӯмаки дар дастгирии истеҳсолкунандагони камбизоате, ки бо онҳо сарукор доранд, мусоидат мекунанд.

## *9. Мусоидат ба Савдои Боадолат*

Ташкилот **мӯҳтавои** мақсадҳои Савдои Боадолат ва талабот ба адолат дар ҷаҳони савдо бо воситаи он **баланд мебардорад**. Ин амал мақсадҳо ва фаъолиятҳои Савдои Боадолатро мутобиқи соҳаи ташкилот пуштибонӣ мекунад. Ташкилот ба муштариён маълумот оиди фаъолияти худ, маводи бозори худ, ва ташкилотҳои истеҳсолкунанда ё аъзоёни, ки дар ҷамъоварии мавод саҳмгузор ҳастанд. Таблиғи асли ва усулҳои маркетинг ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

## 10. *Ҳифзи муҳит*

Ташкилотҳое, ки дорои маҳсули Савдои Боадолат мебошанд, истифодаи ашёи хом аз манбаъҳои дар навбати худ боқувват ва дар **маҳал серталаб**, дар вақтҳои имконпазир ба роҳ мондаанд. Онҳо дар рафти истеҳсолот асбобҳое, ки **қувваи баркро сарфа менамоянд** ва мутаносибан ба ҳавои атмосфера ба қадри минималӣ газ хориҷ мекунанд, истифода мекунанд. Инчунин онҳо мекушанд, ки миқдори партовҳои худро ба муҳит камтар намоянд. Истеҳсолкунандагони маводи ҳоҷагии қишлоқи Савдои Боадолат таъсири худро ба муҳит бо воситаи истифодаи усулҳои органики ва пасти истеъмоли пестисидҳо ба кадри имкон камтар мекунанд.

Харидорон ва воридкунандагони маводи Савдои Боадолат таваҷҷӯҳи бештар ба молҳои аз ашёи хоми **манбаъҳои бақувват**, ки таъсири кам ба муҳити атроф доранд, зоҳир менамоянд. Ҳамаи ташкилот барои борпечони ашёҳои истифодашуда ва ё маводи табиатан камтаъсирро ба қадри имкон ба роҳ мондаанд.



# ФОИДАИ САВДОИ БОАДОЛАТ

*Барои* ***истеҳсолкунандагон*** *савдои боадолат дар пешниҳоди чор фоида беҳамтост*

## Нархҳои доимӣ

Барои қисми зиёди маҳсулот, нархҳо ба қадри ҳол маблағи масрафшударо мепушонад – ҳатто дар ҳоле, ки нархҳои бозори ҷаҳонӣ поён мефароянд.



## Инъоми Савдои Боадолат

Ин инъом ба истеҳсолкунандагон имконияти беҳтар гардондани вазъи зисту зиндагиашонро медиҳад. Он ба ғайр аз нархи тасдиқшудаи савдои боадолат дода мешавад ва истеҳсолкунандагон ба таври демократӣ чи тавр сарф кардани онро ҳал мекунанд. Одатан онҳо ин маблағро дар маориф, тандурустӣ, беҳдоштӣ хоҷагӣ ё дарёфти воситаҳои фоидагирӣ сарф мекунанд.



## Ҳамкорӣ

Истеҳсолкунандагон дар ҳалли қарорҳое, ки ба ояндаи онҳо зарур аст, сафарбар карда мешаванд. Истеҳсолкунандагони моводи савдои боадолати дорои сертификат ба таври муштарак Савдои Боадолати Умумиҷаҳониро соҳибӣ ва роҳбарӣ мекунанд. Бо воситаи Шӯрои Директорон, Комитетҳои он ва машваратҳо онҳо метавонанд ба нархҳо, инъомҳо, стандартҳо ва стратегияи умуми таъсир расонанд.



## Вазифаҳои истеҳсолкунандагон

Гурӯҳҳои истеҳсолкунанда бояд сохти демократӣ ва маъмурияти шаффоф барои ноил гаштан ба сертификат дошта бошанд. Кормандон бояд иҷозат дошта бошанд, то ки намояндае дар Кумита, ки ҳалли истифодаи маблағҳои Савдои Боадолатро мекунад.



*Бо Савдои Боадолатона* ***ҳама бурд мекунад***

### Истеъмолкунандагон

Истеъмолкунандагон метавонанд маҳсулотҳоро дар асоси баҳо ва хусусиятҳояшон харидорӣ намоянд. Онҳо метавонанд аз маҳсулоти камистифода сар карда то ба калон интихоб намоянд. Бо ин васила харидорони савдои боадолат саҳми худро дар беҳдошти фаъолияти истеҳсолкунандагон гузоранд. Бо харидорӣ намудани молҳои савдои боадолат муштариён истеҳсолкунандагонро дастгири менамоянд,то ки онҳо зиндагии худро беҳтар намоянд



### Фурӯшандаҳо\ташкилотҳо

Савдои Боадолат ба фурӯшандаҳо воситаи аҷиби таъмин кардани савдои дар охир таъсири мусбӣ доштаро пешниҳод намояд.



### Муҳит

Савдои Боадолат хоҷагиҳо ва фермерон, ки аз ҷиҳати моддӣ қудратманданд, руҳбаланд менамояд мукофот ва подош медиҳад. Онҳо инчунин сафарбар карда мешаванд, то ки баҳри **сертификатсияи органикӣ ё табии** мубориза баранд.Онҳо бояд:

Муҳите, ки дар он кор ва зиндаги менамоянд, ҳифз намоянд. Ин минтақаҳои оби ошомиданӣ, ҷангалҳо ва дигар порчаҳои замин, ки аз эрозия ва партов зарар дидаанд, мебошанд.

Бо хоҳиши худ маҳсулоти дорои моддаҳои сохташудаи генетикӣ (МСГ)-ро истеъмол кунанд.



# САВДОИ ОЗОД ДАР МУҚОБИЛИ САВДОИ БОАДОЛАТ

Фарқ байни савдои озод ва боадолат дар чист? Онҳо бисёр мақсадҳои якхела доранд.Ҳарду барои кӯмак ба фермерон ва дигар истеҳсолкунандагон ба гирифтани роҳхат ба бозори ҷаҳонӣ ва беҳтар гардондани ҳаққи хизмати истеҳсолкунандагон равона шудаанд. Аммо идеологияи онҳо каме тафовут дорад.

*Фарз кардем, Шумо **қаҳва** хариданӣ ҳастед….*

***Савдои озод*** маънои онро дорад, ки истеҳсолкунанда (фермер, соҳибкори хурд, истеҳсолкунанда ва ғ.) ҳосили қаҳва ҷамъ карда бе мудоҳилаи андозҳои давлатӣ ва пешниҳодоти иқтисодӣ - тарифҳо, грантҳо назорати нархҳо фурӯхт.

Дар назар хуб менамояд, ҳамин тавр не? Бале, **қисман**. Тарафдорони савдои озод дар он ақидаанд, ки санҷида баромадани маҳсулоти тамоми миллатҳо воситаи беҳтарини молҳои мутобиқи бозори ҷаҳонӣ баровардан дар ҳоли ҷалб кардани халқҳои абарқудратро дорад.

Лекин, аз рӯи баъзе ақидаҳо савдои озод истеҳсолкунандагони мамолики рӯ ба инкишоф бо мушкилӣ дучор мекунад. Дар он мамолик онҳо аз бехатарии иҷтимоӣ ва дигар васоити беҳатарӣ, ки ба онҳо дар фурӯши маҳсулоташон замони пастшавии нархҳо кӯмак мерасонд, танкисӣ мекашанд. Дар ҳоле, ки истеҳсолкунандагон дар мамлакатҳои қудратманд метавонанд лаҳзаи мувофиқро интизор шаванд, ки шарикони онҳо аз ин шароит маҳруманд.. Дар натиҷа онҳо **маблағи зиёдро сарф мекунанд**.

***Савдои боадолат*** он маъноро дорад, ки ту боварӣ дорӣ, ки дар савдо қонуниятҳое ҳастанд, ки бояд барои фароҳам овардани имконият ба истеҳсолкунадагони камбизоат дар бозори ҷаҳонӣ, риоя карда шаванд.

Агар ту қаҳваи истеҳсоли савдои боадолатро бихарӣ, аз ин мебароянд, ки фермери қаҳваро ҷамъ кардаи давлати рӯ ба инкишоф барои ба ту пешниҳод кардани қаҳва кӯмаке гирифт.

Мақсадҳои савдои боадолат кумак ба **истеҳсолкунандагон** дар мамолики рӯ ба инкишоф, дарёфти шароитҳои беҳтари савдо ва беҳбудии иловагӣ ба соҳибкороне, ки мустақилиятро дастгирӣ( яъне кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза) менамоянд, мебошад.

Назар ба вогузоштани стандартҳои муҳит ва даромад ба бозор, савдои боадолат истеҳсолкунандагонро фаъолона ба нархи баландтар инчунин меъёрҳои иҷтимоӣ ва муҳит сафарбар менамояд.



# БАРОҲМОНИИ САВДОИ БОАДОЛАТ: ДУ УСУЛИ ГУНОГУН

***Ду** усул ба бозори савдои боадолат…*

Масолеҳи савдои боадолат бо ду усулҳои гуногун таблиғ карда мешаванд. Усули анъанавӣ ё ҳамкорӣ он аст, ки ин масолеҳ дар кучо истеҳсол, воридот шудааст, ва\ё аз тарафи Ташкилоти Савдои Боадолат расонда шудааст, ки онҳо ин савдоро асоси фаъолияти худ қарор додаанд. Усули дигари ба бозор пешниҳод кардан ба воситаи савдои боадолат таксимшавӣ ва сертификатсия мебошад. Дар ин ҳол, маҳсулот (асосан хурока) аз тарафи кафолатдиҳандаи мустақил сертификати савдои боадолат барои таъмини меъёрҳои он дода мешавад. Воридоткунандаҳо ва фурӯшандаҳо муассисаҳои анъанавии тиҷоратӣ буда метавонанд, ва тақсимкунӣ ба воситаи савдои оддӣ буда метавонад.

*…бо **ду** намунаи меъёрҳои савдои боадолат ифода шудааст*

Меъёрҳои вуҷуддоштаи савдои боадолат ба талаботи ин ду усул ҷавобгӯ ҳастанд. Меъёрҳои савдои боадолати умумиҷаҳонӣ барои маводи нишоншуда аз тарафи Ташкилоти Нишонмони Савдои Боадолат ва барои Ташкилотҳои Савдои Боадолат аз тарафи Ассотсиатсияи Умумиҷаҳонии Савдои Боадолат коркард шудаанд. Ҳарду система дар асоси мафҳум ва принсипҳои муштараки қарор доранд. Маълумот дар ин бора метавон дар www.fairtrade.net ва www.wfto.com. пайдо кард.



***Фаъолияти ТНСБ***

Ташкилоти Нишонгузори Савдои Боадолат (ТНСБ) соли 1997 барпо гардид ва он ассотсиатсияи иборат аз 20 барномаи нишонгузорӣ, ки баҳри мусодат кардан ва ба фурӯш гузоштани Нишони Сертификати Савдои Боадолат дар мамлакатҳо амал мекунад. ТНСБ мақомоти роҳбарикунандаи меъёргузори Савдои Боадолат барои маводи нишонгузошта мебошад. Он намояндагиҳои худро дорад ва ТНСБ доимо дар зиёда аз 500 ташкилотҳои истеҳсолкунанда дар беш аз 50 давлатҳои Африқо, Осие ва Америкаи Ҷанубӣ назорат мекунад ва ба молҳо сертификат медиҳад. Стандартҳои ин Ташкилот дар Кумитаи ТНСБ дар асоси барномаҳои нишонгузори ТНСБ, ташкилотҳои истеҳсолкунанда, савдогарон ва мутахассисони хориҷӣ барқарор шудаанд. Истеҳсолкундагон ва фурӯшандагон бояд стандартҳои мавҷудбудаи генетикӣ ва маҳсулот мутобиқат дошта бошанд.

Стандартҳои генетикӣ ҳам барои фермерони хурд ва ҳам барои меҳнати кироя омода карда шудаанд. Вазифаи онҳо:

1. Рушди иҷтимои бо дарназардошти демократия, иштирок, шаффофият ва баробарӣ
2. Рушди иқтисодӣ бо дар назардошти инъоми Савдои Боадолат

Стандартҳои зер то ба ҳол барои 17 намуди маҳсулоти хӯрока ва ғайрихурока матраҳ шудаанд, ки онҳо қаҳва, чой, шакар, какао, биринҷ, меваҳо, гулҳо, пахта ва тӯбҳои варзиширо дар бар мегиранд. Стандартҳои маҳсулот нарҳи ҳадди ақал ва инъомро  дар баробари дигар талаботҳои махсус ба инобат мегиранд.  Сертификати мутобиқот ба ин меъёрҳо аз тарафи ташкилоти мустақили FLO-Cert GmbH (www.flo-cert.net), ки алҳол дар раванди ба расмият даровардани мақоми ISO 65 мебошад.

***Фаъолияти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдои Боадолат (ТУСБ)***

Таъмини муштараки истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ташкилот ва муассисаҳое ворид ва\ё расонда мешавад, ки савдои боадолат асоси фаъолияташон мебошад ва онро чун олоти рушди дастгирии истеҳсолкунандагони камбизоат, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳамоҳангии таблиғоту дарки мафҳуми савдои боадолат истифода мебаранд.

ТУСБ ин бунёди умумиҷаҳонии ташкилотҳои савдои боадолат аст, ки 300 аъзо дар 70 мамолики дунё дорад. Узвияти ин муассиса гуногун аст: аз ташкилоти хурди соҳибкорӣ сар карда, то кооперативҳои калон ва аз воридкунандаи танҳо то ба фурӯшандаҳое, ки гардиши молиашон якчанд миллион евроро дар бар мегирад, фарқ мекунад. Ду сеяки аъзоёни ТУСБ дар мамолики рӯ ба инкишоф ҷойгиранд.

Ҳар стандарт бо номгуи нишондодҳои назаррас ва критерияҳои мутобиқ, ки дар сатҳҳои «дохил» ва «коркард» аз ҳамдигар фарқ доранд, сафарбар карда мешаванд. Ташкилотҳои савдои боадолат бо мутобиқоти ин стандартҳо метавонанд ҳуқуқи истифодаи муҳри ТСБ барои ташкилоти худ талаб кунанд.

Барои кафолат додани мутобиқот бо стандартҳои ТУСБ, системаи иборат аз се-сатҳи мониторинг сохта шуд. Он бо асбоби ҳарсол амалкунандаи санҷиш, ки аз тарафи ҳар аъзо одатан 2 санҷиши шарикон ва 3 ваколати бегона ҳар сол ба миқдори 5-10%, гузаронида ва дода мешавад, насб карда шудааст.

Ин система шикоятро низ дар бар мегирад. Агар шикоят боварибахш бошад, Ваколати Беруна ё Бегона аз нав дида мешавад. Натиҷаи ин тафтиш рондашавӣ аз узвият ва манъ кардани ҳуқуқи истифодаи муҳри ТУСБ мебошад.

# ҲИКОЯИ САВДОИ БОАДОЛАТ

*“Нигоҳе ба ҳаёти осоишта”*

Мусоҳиба бо Питер аз Зимбабве ва Даан ванн Вугт аз Нидерландия
Аз: Дач Ассосиейшн ов Вордшопс (DAWS)
Муаллиф: Питер, Зимбабве, Амандла Компани
Воридкунанда: Даан ванн Вугт, Нидерландия

**Питер ватани аслии Шумо кадом аст ва онро чи тавр тасвир мекунед?**
Питер механдад. Ба гуфти ӯ Зимбабве мамлакати зебои пур аз ҳайвоноти ваҳшӣ аст ва он на танҳо замини холӣ, балки заминҳои корам низ дорад. Ин мамлакат аз ҷиҳати соҳили баҳри баста аст, яъне аз соҳили уқёнус дур аст. Он бо ҷамоҳири Ботсвана, Мозамбик, Африқои Ҷанубӣ ва Замбия ҳамсарҳад аст. Маркази он ш. Ҳараре аст, ки худи Питер дар он зиндагӣ мекунад. Маънои номи давлат «хонаи сангин» мебошад. Зимбабве  ин номро ба шарофати мавҷуд будани сангҳои гуногун дар қабати хоки он соҳиб шудааст.

**Шумо кадом намуди маҳсулотро истеҳсол ва ба Даан пешниҳод мекунед?**
Мо аз намудҳои гуногуни санг ҳайкалчаҳо метарошем; ҳар санг сахт ва дуруштии худро дорад. Як ҳунарманд метавонад, албатта вобаста ба ҳаҷм, тақрибан 50 ҳайкалчаи сангин тарошад. Ҳар шаш моҳ молҳо ба Нидерландия фиристода мешаванд. Он ҷо онҳо дар Аманда Компани дар маркази Мондиал фурӯш гузошта мешаванд.

**Шумо ин маҳсулотро чӣ гуна тайёр мекунед?**
Зимбабве хоки сангин дорад. Номи ин сангҳои коркардшаванда серпентин мебошад. Он инчунин чун санги мор машҳӯр аст. Ин санг дар қабати болои замин ёфта мешавад ва аз тарафи шахтёрон коркард мешавад. Сипас онро мо ба ҷои кори худ меоварем. Онро бояд аз масофаи 200 км кашонд, аз ин рӯ мошини боркаш кироя кардан лозим аст. Коркард ва кашондани ин санг ба мо душвор ва гарон меафтад, чунки ин кори мо нест. Бояд иҷозатномаи саёҳат ( ки киммат аст), аз ин рӯ одамон онро ғайриконунӣ мекашанд. Полис ҳам бо коррупсия банд аст. Вақти дар роҳ будан, аз тарафи полис, ки пора металабад, зуд-зуд тафтиш карда мешавед. Агар насупоред, бори Шумо мусодира карда мешавад. Дар он ҳолат чораи дигар нест, чунки мошин барои вақти муайян кироя карда шудааст.
Дар ҷои кор пораҳои калони санг ба қисмҳои хурд тақсим карда мешаванд. Ҳайкалтарошон зери ҳавои кушода бо истифода аз олотҳои гуногуни меҳнат кор мекунанд. Аввал шакл мутаносибан тарошида мешавад, сипас бо корд, сон ва теги қоғазбурӣ барои ба шакли лозима овардани санг истифода мешаванд. Марҳилаи охири кор тоза ва тарошидан  бо қоғаз то ҳамвор шудани он мебошад.  Ин кор вақти муайянеро харҷ мекунад. Марҳилаи анҷомин ҷобаҷогузории ҳайкалҳо гирди оташ барои гарм кардани онҳо мебошад. Вақте ки гарм шуданд онҳо бо маҳлули воск ном материя шуста мешаванд. Ин ба онҳо ранги оличанобро медиҳад, чунки воск бо санг омехта мешавад ва санг сохти худро пайдо мекунад.

**Шумо дар Ҳараре бо чанд тан ҳамкорӣ доред?**
Ҳайкалтарошон дар якчанд ҷои Зимбабве фаъолият мекунанд. Дар ҳар маҳон 50-100 коргар ва ҷамъ 300 оила сафарбар карда шудаанд. Ин ҳайкалтарошон 50 сол муқаддам ҳамкориро сар карданд. Онро як зоҳиди олмони сар кард. Он вақтҳо Савдои Боадолат вуҷуд надошт, вале мо доим бо ин принсипҳо кор мекардем.

**Шумо беш аз ҳама бо чӣ мефахред?**
Маро беш аз ҳама  вақте, ки мо маҳсулоти худро ба Аврупо мефиристем, ба ваҷд меорад. Аввал ин ба мо дастрас набуд ва мо маҳсулотамонро танҳо дар Зимбабве мефурухтем, ки хеле душвор буд, чунки харидор кам буд ва бо сабабҳои вазъи ноороми сиёсӣ саёҳон аз мо дур буданд. Ҳоло, имконияти фурӯши молҳои мо дар Аврупо ба мо хеле хуб аст, чунки мардуми Зимбабве ҳаёти сахт доранд. Аз соли 1996 инҷониб молҳои мо дар Аврупо содирот мешаванд.

**Барои Шумо бо савдои боадолат сару кор доштан чӣ маънӣ дорад?**
Он маҳсулотҳои моро қобили қабули бозори ҷаҳонӣ мегардонад. Моро бо маблағе, ки ба он ниёз дорем, таъмин менамояд. Бе пардохти ҳаққи хониш бачаҳоямон илм омӯхта наметавонанд. Мардуми мо захира надоранд. Ба туфайли корамон имрӯз бачаҳоямон ба мактаб рафта метавонанд.
Роҳхат ба бозори Аврупо ва фурӯши молҳоямон ба мо аҳамияти махсус дорад. Шароити кору фаъолиятамон беҳтар мегардад. Ба қадри ҳол мо кӯдаконро машғул намесозем. Кӯдакони мо табиатан боэҳтиром ва меҳрубон ҳастанд. «Онҳо бештар миннатдор мешаванд. Кӯдакони Нидерландия метавонанд, аз онҳо ибрат бигиранд»-механдад Даан

**Шумо чӣ тавр бо Даан, савдогар аз Нидерландия шинос шудед?**
Бо воситаи рафиқе аз Амстердам Питер ва Даан шинос шудаанд. Даан мегӯяд: “Ман мушовири махсусе дар Зимбабве доштам, вале ӯ корро тарк кард.  Ман пешаки ба ӯ € 15 000 супурда будам ва дигар ӯро надидам. Ин шахс маро горат кард ва ман муфлис шудам ”.
Зане дар ш. Амстердам, ки ҳардуро мешинохт, онҳоро ба ҳам овард. Вай бо писарамаки Питер, ки табрикнома мефурӯхт, ҳамкорӣ дошт. Ӯ ба Даан гуфт: “Шояд Питер ба ту бор мерасонад ва ба ту бо ин роҳ кӯмак мекунад ”. Ҳамин тавр ҳама чиз оғоз шуд. Онҳо бо якдигар ду сол инҷониб кор мекунанд.

**Чизе ҳаст, ки Шумо мехостед, то харидоронатон донанд?**
Даан мегуяд: “Чизе, ки маро ғамгин месозад он аст, ки ин молҳо моро бо ояндаи хуб таъмин наменамоянд. Ин тағироти хурдакакро бо воситаи савдои боадолат метавон дарёфт. Таъмини одамон ба ҷои кор, даромад, оянда. Оё ҳамин тавр гӯем мешавад, Питер?” Питер дар ҷавоб розиёна сар меҷунбонад ва мегуяд: “Бале, нигоҳе ба ояндаи дурахшон”.



# САВДОИ БОАДОЛАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мақсадҳои ҷорӣ намудани савдои боадолат дар Тоҷикистон:

1. Боло бардоштан ва бонизом кардани даромади хоҷагидорони хурд, фермерон ва ҳунармандон (Барои бештари молҳо нарх танҳо қисман ашёи хомро таъмин менамояд - ҳатто агар нархҳои бозори ҷаҳонӣ поён раванд. Истеҳсолкунандагон боварии комил доранд, ки ҳаққи хизматашон дода мешавад). Савдои Боадолат роҳи алтернатавии дарёфти маблағи зисту зиндагии истеҳсолкунандагони камбизоат мебошад.
2. Бештар даромади одилонаи иқтисодӣ, имконият ва хатар бо истехсолот ва фурӯши ин молҳо алоқаманд аст. Савдои Боадолат корхонаву сехҳои хурдро бо бозори ҷаҳонӣ мепайвандад ва фоидаи ба дастомадам бештар ба худ истеҳсолкунандагон мерасад.
3. Пурқувват намудани базаи модди ва техникии ин истеҳсолкунандагон Азбаски СБ бештар бо кооперативҳо сару кор дорад, он ба ин корхонаву сехҳои хурд имконияти паҳн кардани дониш ва воситаҳои истеҳсолоти худ, бо мақсади гирифтани фоида барои қисми зиёди истёсолкунандагон фароҳам меоварад. Барои мусоидат ба ҳуқуқҳои коргарон дар мамлакат талош меварзад.
4. Яке аз принсипҳои СБ ин шаффофият мебошад. СБ талош дорад, ки зидди коррупсия дар Тоҷикистон мубориза барад ва бо фаъолияти кооперативҳо ба таври шаффоф ва кушода ахборот диҳад..
5. Муштариёни ҷаҳониро дар бораи ҳунармандии Тоҷикистон воқиф намояд
6. Тоҷикистон ҳоло дар истеҳсоли ду мол мустақил аст – алюминий ва пахта – ва аз содироти ин молҳо даромад дорад. СБ ба Тоҷикистон кӯмак мерасонад, то аз воридоти (ки аз содирот ду маротиба зиёд аст) раҳои ёбад ва номгӯи маҳсулоти худро зиёд намояд.
7. Равобити озоди савдо, воситаҳои савдои бардавом ва шартномаҳои дарозмуддат байни истеҳсолкунандагон ва содиркунандагон ба ҷои фоидаи осону хатарнок.
8. Нархҳои бозории аз ҳаррӯза бештар, ва бо воситаи инъомхо ба соҳибкорони тоҷик имкони бештар додан.
9. СБ кишоварзи ва таҷрибаи истеҳсолии маводе, ки аз ҷиҳати экологи тоза мебошанд мукофот ва дастгири мекунад. Истеҳсолкунандагон инчунин барои сертификатсияи органики сафарбар карда мешаванд. Савдои боадолат кафолати бештареро бахри ҳифзи муҳит дастгирӣ менамояд.
10. Маблағ манбаъи асосии сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. СБ пайроҳаи дигареро барои дарёфти манбаъи даромад боз мекунад ва ҳунармандону соҳибкоронро барои истеҳсоли маводи босифат новобаста аз маблағ шавқманд мегардонад.

11. Роҳхат ба бозори ҷаҳонӣ пояи дигаре дар фаъол намудани муҳити истеҳсоли ба шумор меравад, ҷунки сектори беруна манбаи асосии бозорҳои потенсиалӣ ва мудохилаи замонавӣ, технология, молия ва ҳамчунин таъсири мутақобила барои дастрас ва зиёд кардани истеҳсолот аст.

12. Савдои Боадолат истеҳслои молҳои кишоварзӣ дастгирӣ менамояд; он бехатарии маводи хӯрока дар Тоҷикистонро таъмин менамояд.

*Тибқи “Санҷиши Шартҳои Бозори Савдои Боадолат дар Тоҷикистон – августи 2011” аз ахбороти Созмони Бехатарӣ ва Ҳамкории Аврупо аз тарафи Гузде Авҷи тайёр карда шудааст.*



# МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ

Барои дарёфти маълумоти муфассал дар бораи Савдои Боадолат се воситаи беҳтарин ҳастанд:

www.wfto.com - World Fair Trade Organization’s web site
www.wfto-asia.com - The Asian consortium of WFTO members.
www.faitrade.net- Fair Trade Labelling Organization

Соли гузашта ташкилотҳои зиёди ғайридавлатӣ ба раванди Савдои Боадолат дар Тоҷикистон марок зоҳир карданд.

Агар дар ин бора маълумоти бештар гирифтан хоҳед:

CESVI – Наргис Давлятова
Email: nargis.cesvi@gmail.com
Тел.: +992 372 224 67 28

АМСХМ Матлуба Улчабоева
Email: info@nasmb.tj
Тел.:: +992935050008

*Ин лоиҳа дар ҷорҷубаи Барномаи Сармояғузории Осиёи Миёна*
*аз тарафи Иттиҳоди Аврупо сармоягузорӣ карда шудааст*